# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Набиева Меҳрангез Назаровна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, таҳти унвони «Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик», Бохтар – 2021**

Таҳқиқу баррасӣ ва инъикоси фаъолияти илмӣ, муайян намудани мухтассоти пажӯҳиш, нуктаи назарҳо ва мактаби илмии муҳаққиқону донишмандон кори душвору мураккаб буда, аз муҳаққиқони ин соҳа заҳмати зиёдеро тақозо мекунад. Мавзӯи кори диссертатсионии Набиева Меҳрангез Назаровна таҳти унвони «Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» ба ҳамин масъала нигаронида шуда, дар заминаи он корҳои назаррасе роҷеъ ба зиндагинома, мероси илмиву адабӣ ва саҳму ҷойгоҳи донишманди мазбур дар пажӯҳиши масъалаҳои мухталифи марбут ба адабиёти классикӣ ва муосири форсӣ - тоҷикӣ анҷом дода шудааст.

Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ яке аз маъруфтарину пуркортарин адабиётшиносони тоҷик буда, таълифоти илмии ӯ на танҳо дар муҳити илмиву адабии ватанӣ, балки хориҷ аз он низ арҷи волоеро касб намудааст. Аз ин рӯ, ба ҳайси таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб гардидани мавзӯи мазкур саривақтӣ ва ниҳоят муҳим буда, муҳаққиқ Набиева Меҳрангез Назаровна дар ин замина пажӯҳишоти қобили таҳсине ба тақдим расонидааст.

Тибқи нишондоди автореферати диссертатсия, таҳқиқот дорои муқаддима, се боб бо фаслҳо ва зерфаслҳои мувофиқ, хулоса ва рӯйхати осори илмиву адабии марбути мавзӯъ буда, дар муқаддима муҳаққиқ доир ба зарурат ва ҳадафи таҳқиқи мавзӯи мазкур, пешинаи таҳқиқ ва саҳми хеш баҳсҳои судманд ба миён оварда, арзиши назариву амалӣ ва сохтори диссертатсияро муайян кардааст.

Боби якуми рисола – **«Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ – парвардаи адабиёту фарҳанги тоҷик»,** ки аз ду фасл иборат аст, ба таҳқиқи ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти илмии донишманди мазкур бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар ин бахши кор роҷеъ ба шахсият, муҳити хонаводагӣ, таҳсилот, истеъдод ва самтҳои фаъолияти эҷодии Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ муфассал таваққуф карда, дар бораи таваҷҷуҳи ӯ ба мавзӯъ ва таҳқиқи масъалаҳои гуногуни филологияи тоҷик ибрози андеша намудааст. Муҳаққиқ мушаххас месозад, ки Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ дар тӯли фаъолияти илмиаш зиёда аз 50 китоб ва 600 мақолаи илмӣ таълиф намуда, ба ин васила дар ташаккул ва рушди

минбаъдаи адабиётшиносии муосири тоҷик саҳми арзандаи худро гузоштааст.

Боби дуюми таҳқиқот таҳти унвони **«Андешаҳои Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ доир ба таърихи адабиёти тоҷик»** иншо гардида, аз чор зербоб фароҳам омадааст. Дар бахшҳо муҳаққиқ зимни таҳлилу баррасии асару мақолаҳои илмии Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ бармало месозад, ки пажӯҳишоти ӯ на танҳо дар муаррифӣ ва бозшиносии эҷодиёти чеҳраҳои тобноки адабиёти форсии тоҷикӣ ба монанди устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Низомии Ганҷавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигар намояндагони адаби форсӣ-тоҷикӣ, ҷойгоҳи арзишманде доранд, балки дар маърифати мухтассоти адабиёти бадеӣ, таъсирпазирии эҷодиёти адибони муосир аз фолклор ва адабиёти классикии форс-тоҷик, идомаи суннатҳо ва таҳаввули жанрҳои адабӣ, анъана ва навоварӣ дар ҷодаи назму наср ва монанди инҳо мусоидат менамоянд. Муҳаққиқ торафт ба масъалаҳои муҳимми адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик, аз ҷумла хусусиятҳои жанрии осори манзум, корбурди санъатҳои бадеӣ, инкишофи анвои наср дар адабиёти муосир ва монанди инҳо, таваҷҷуҳ пайдо намудани ин донишманди варзидаро пайгирӣ намуда, баррасии умдатарин масъалаҳои назарии адабиёт ва фарҳангу маънавиёти халқи тоҷикро дар осори ӯ мӯшикофона таҳқиқ намудааст.

Боби сеюми диссертатсия – **«Устод Садриддин Айнӣ дар пажӯҳиши Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ»** аз ду зербоб ва бахшҳо таркиб ёфта, таҳқиқоту пажӯҳиши Муҳаммадҷон Шакурии Бухороиро перомуни рӯзгор, фаъолияти эҷодӣ ва мушаххасоти осори Садриддин Айнӣ матраҳ месозад.

Муҳаққиқ зимни таҳлили осор ва мақолаҳои ҷудогонаи донишманди мазкур саҳми ӯро дар таҳқиқи зиндагинома, шахсият ва маҳорати эҷодии асосгузори адабиёти муосири тоҷик, устод Садриддин Айнӣ бо далоили қотеъ мушаххас месозад, ки аз ҷанбаҳои арзишманди таҳқиқоти ӯст.

Интихоби дурусти усулҳои таҳқиқ, амиқандешӣ ва вусъати доираи таҳқиқот ба муҳаққиқ имкон додааст, ки ба натиҷаҳои мушаххаси илмӣ ноил гардад ва симои Муҳаммадҷони Шакурии Бухороиро ҳамчун як шахсияти фарҳангӣ ва муҳаққиқи тавонманду варзида мушаххас намояд.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёди дар таҳқиқот ба зуҳур расида, ки қаблан ишора гардид, дар кор баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ (с. 3, 4, 5, 8, 9, 10, 12, 14, 15, 17) ва харобии мантиқи ҷумла (аз қабили ҷумлаи дуюми сархати дуюми саҳифаи 19)-ро бояд зикр намуд, ки ба матни фишурда роҳ ёфтаанд.

Камбудиву навоқиси ҷойдошта аглаб ҷузъӣ буда, ба арзиши кор халал ворид намекунанд, вале ҳангоми нашри монографии диссертатсия ба эътибор гирифтани онҳо аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Дар маҷмӯъ, автореферат нуктаҳои асосии диссертатсияро фаро гирифтааст.

Ба андешаи мо, пажӯҳишоти сомондодаи Набиева Меҳрангез Назаровна комилан ба тақозои КОА ҶТ ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик сазовор аст.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав:** **Тағаймуродов Р.**

**Имзои Р.Ҳ. Тағаймуродовро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ДДБ**
**ба номи Носири Хусрав:** **Шукурзод Ҷ.Ҷ.**

**Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ 67,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53**
**E-mail: ktsu78@mail.ru**